# Тақризи

мушовирӣ илмӣ ба диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна оид ба мавзуи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Зироати пахта яке аз зироатҳои муҳими стратегӣ буда, ҳамасола балад бардоштани ҳосилнокии он дар маъди назари Ҳукумати Ҷумшурии Тоҷикистон мебошад. Сол аз сол болоравии истеҳсоли ашёи хоми он, мувофиқи дурнамои пахтапарварӣ, на бо роҳи зиёд намудани майдони кишт, балки бо роҳи баланд бардоштани ҳосилноки аз ҳар як гектари он дар назар аст, ин гуваҳии онро медиҳад, ки навъҳои нав дар баланд бардоштани маҳсулнокии ин соҳаи мазкур мавқеъи муҳим доранд.

Дар равандҳои селексионӣ истифодаи навъҳои селексияи ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун ҷуфти волидайнӣ дар ҳолати дурагакуни яке аз зинаҳои асосии бадаст овардани навъи серҳосил мебошад. Ҳангоми интихоби навъҳои падарию модарӣ, дар навбати аввал баназаргирии пурмаҳсулии онҳо аз ҷиҳати ҷамъи аломатҳои хоҷагӣ пурқимати ва устувари ба касалию ҳашаротҳои заррасон ба назар гирифтан аст.

Дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ Разоқова Фотима Сафармадовна коэффисенти ирсиятро омӯхт, ки он таввасути ин нишондод интихоби самаранокии намунаҳои беҳтарин аз рӯи ин ва ё он аламат, барои мушаххас сохтани шиддати самаранокӣ корҳои селексионӣ ва содда намудани корҳои селексионер мусоидат мекунад. Ҳангоми дурагакуни ва интихоби шаклҳои беҳтарини навъҳои падарию модари хусусиятҳои ирсият ва коэффисенти онҳоро мебояд дар назар гирифт.

Унвонҷӯ Разоқова Ф.С. дар давоми корҳои илмиаш, хусусиятҳои ҷудогонаи афзоиш ва рушди навъҳои волидайниро омӯхта, сохт ва хусусиятҳои морфологи ва биологии дурагаи $F_0$- ро баҳогузорӣ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки аз рӯйи хосиятҳои муҳими ҳоҷаги пурқиматиашон асосан дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ фарққунандааст; омӯзиши хусусиятҳои бахудгирии ин шаҷараҳо аз навъҳои волидайни мувофиқ ба хусусиятҳои муҳими дар хоҷагидорӣ доштаашон, инчунин ҳосилнокии навҳои волидайнӣ ва дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ –ро муайян намудааст.

Қобили қайд аст, ки худи унвонҷӯй бевосита кори диссертатсияро иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда, самараи таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Саҳмӣ муаллиф дар ҷамъ овардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидаи ӯ назаррас буда таҷрибаҳои саҳроии лайёқати баҳодиҳии натиҷаҳои анҷомёфтаи илман асоснокшуда мебошад.

Разоқова Фотима Сафармадовна аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертисионии худ мустақилона 17 мақола нашр намудааст, ки аз он 7 тояш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Натиҷаҳои кори таҳқиқотии ӯ дар маводҳои конфренсияҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳом кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргӯзор мегардад барраси намудааст.

Гуфтаҳои болоро асос карда қобили қайд аст, ки кори диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бораи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии **6D-КОА-64** дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои
кишоварзӣ, академики АИКТ,
корманди шоистаи Тоҷикистон, президенти
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Асозода Н.М.

Имзои. Асозода Н. М.- ро тасдиқ менамоям:
нозири кадрҳои Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон Ахмедова М.М.